## ТАҚРИЗИ

муқарризи расмӣ ба кори диссертатсионии Маҳмудзода Қумринисо Нуралӣ *дар мавзуи "Шароитҳои педагогии ташаккули салоҳиятҳои касбии донишҷӯёни коллеҷи тиббӣ дар ҷараёни баргузории чорабиниҳои таълимӣ –тарбиявӣ", ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот пешниҳод шудааст*

Муҳтавои диссертатсияи Маҳмудзода Қумринисо Нуралӣ дар мавзуи "Шароитҳои педагогии ташаккули салоҳиятҳои касбии донишҷӯёни коллеҷи тиббӣ дар ҷараёни баргузории чорабиниҳои таълимӣ –тарбиявӣ" ба шиносномаи ихтисоси илмии 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот: аз он ҷумла, ба *банди 3* – «Антропологияи педагогӣ» (низомҳои /шароитҳои/ рушди шахс дар ҷараёни таълим, тарбия , таҳсилот;), *банди 4* – «Назария ва консепсияи таълим» (қонуниятҳо, принсипҳои таълими кӯдак дар давраҳои гуногуни ба камол расидани ӯ; фардикунонӣ ва тафриқаи таълим; намудҳо ва амсилаҳои таълим, доираи татбиқи онҳо; технологияҳои таълим; консепсияҳои рушди таъминоти таълимӣ-тарбиявии раванди таълим ва воситаҳои таълим, махсусиятҳои таълим дар зинаҳои гуногуни таҳсилот) мутобиқат дорад.

*Мубрам будани мавзуи диссертатсия.* Мубрамияти таҳқиқоти мазкур дар он зоҳир мегардад, ки масъалаи таҳқиқнамудаи Маҳмудзода Қумринисо Нуралӣ яке аз самтҳои муҳими педагогикаи муосирмаҳсуб меёбад.Чунки, тавре, ки муаллифи таҳқиқоти диссертатсионӣ манзур намудааст, ки дар шароити кунунӣ коллеҷҳои тиббӣ бояд савияи баланди таҳсилоти кормандони ояндаи соҳаи тибби Ҷумҳурии Тоҷикистонро таъмин намоянд ва дар ин ҳол омезиши ҳамоҳанг ва мавзуни таълимоти фалсафӣ бо беҳтарин анъанаҳои таҳсилоти миёнаи махсус истифода гардад.

Инчунин, мубрам будани ин проблема ба бухронҳои умумии тамаддуни муосир вобаста аст, ки яке аз зуҳуроти он пастравии сатҳи фарҳанг ҳам дар сатҳи касбӣ ва ҳам дар сатҳи умумӣ мебошад. Падидаи мазкур дар навбати худ, боиси заиф шудани аҳамияти меъёрҳо ва

принсипҳои ахлоқӣ дар тиб, паст шудани сатҳи салоҳиятҳои касбии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи тиббӣ мегардад Таҳти мафҳуми салоҳиятҳои касбии мутахассиси тибби муосир бояд маҷмуи дастуроти арзишӣ, дониши дорои ҷанбаи фарҳангӣ ва касбӣ, ақидаҳо дар бобати саломатӣ ва ҳаёти инсон, дарки аҳамияти бузурги касби тиббӣ барои ҷомеаи муосир баррасӣ гарданд. Илова ба ин муаллиф дуруст таъкид кардааст, ки таҳкурсии касбияти мутахассиси тиб салоҳиятҳои касбии дар ӯ ташаккулёфта мебошад.

Мақсад аз андешаҳои зикршуда собит бар онанд, ки мавзуи барои таҳқиқоти диссертатсионӣ интихобнамудаи Маҳмудзода Қумринисо Нуралӣ дар ҷомеаи мутамадин бениҳоят мубраму муҳим ва дорои аҳамияти махсуси назариявию амалӣ буда, он бо дарназардошти талаботи замони муосир ба таълиму тарбияи ҷавонони кишвар ва дар заминаи таҳаввулоту ислоҳоти куллие, ки солҳои охир дар таҳсилоти Ҷумҳурии Тоҷикистон, махсусан дар шароити гузариш ба муносибати босалоҳият ба таълим рӯи кор омадаанд, омода намуда ва барои ҳимоя пешниҳод карда шудааст.

Дар рисолаи илмии довталаб Маҳмудзода Қ.Н. масъалаҳои моҳият ва сохтори салоҳиятҳои касбӣ, равишҳои методологӣ ба таҳқиқи ташаккули салоҳиятҳои касбиро бо дарназардошти талаботи таҳсилоти муосир ошкор ва аз ҷиҳати илмӣ асоснок карда шуда, ба таври мукаммал таҳқиқу баррасӣ шудааст.

Дар ин аснод, довталаб Маҳмудзода Қ.Н. дар таҳқиқоти диссертатсионии мазкур таҳқиқу таҳлили проблемаҳои муҳимеро вобаста ба мавзӯи диссертасия ба нақша гирифта, дар баррасии онҳо то ҷое муваффақ гардидааст. Мин ҷумла:

- салоҳиятҳои асосии барои амалӣ намудани фаъолияти касбӣ заруриро пажуҳиш карда, муайян ва асоснок намудааст;

- хусусияти раванди тайёр кардани мутахассисонро, ки дар натиҷа дар хатмкунандагони коллеҷ салоҳиятҳои умумӣ ва махсус ташаккул меёбад, муайян кардааст;

- намунаи амсилаи (модели) аз ҷиҳати илмӣ асоснок ва мувофиқи фаъолияти амалии кори мутахассис дар асоси омӯзиш ва тавсифи фаъолияти донишҷӯён бо дарназардошти талаботи стандартҳои

муосири давлатии таҳсилот, маълумот аз омӯзиши бозори меҳнат ва талаботи корфармоён, маҷмуи салоҳиятҳои умумӣ ва махсусдоштаро манзур кардааст.

Аз ин лиҳоз, арзёбии таҳқиқоти мазкур ниҳоят мубрам, саривақтӣ ва дархури ниёзҳои таҳсилоти муосир қабул намоем.

*Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд:*

Комилан метавон қайд намуд, ки фарогири тамоми ҷанбаву паҳлуҳои назариявию амалии мавзуи диссертатсия будани вазифаҳо ва дурустии фарзияи илмии муаллифи диссертатсия собит гардид. Натиҷаҳои диссертатсия ва таҳқиқоти таҷрибавӣ-озмоишии баргузорнамудаи Маҳмудзода Қ.Н. ҳамчунин хулосаву тавсияҳои методии коркард ва манзурнамудаи ӯ бозгӯи онанд, ки муаллиф ба ҳадаф расида, вазифаҳои дар назди таҳқиқот гузошташударо ҳаллу фасл кардааст ва дар натиҷа фарзияи илмии пешнҳодкардааш амалан тасдиқ шудааст.

Бояд тазаккур дод, ки навгонии илмии таҳқиқот асоси илмиву воқеӣ дорад. Чунки таҳлилу баррасии таҳқиқоти диссертатсионӣ, натиҷаи корҳои озмоишӣ, хулосаи бобҳо, хулосаҳои умумӣ ва тавсияҳои методии пешниҳодшудадаленд , ки дар воқеъ муаллиф дар таҳқиқоти худ:

– консепсияи такмили салоҳиятҳои касбии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ таҳия карда шуд, ки аз нигоҳи стратегияи илмии татбиқи тадбирҳои педагогӣ ва ташкилӣ дар доираи фаъолияти муассисаҳои таҳсилотии муосири низоми таҳсилоти миёнаи махсус асоснокарда шуданд;

– барномаи педагогии татбиқи амалии амсилаҳои таҷрибавӣ - таҳлилии таълиму тарбия дар педагогикаи муосир коркард карда шуданд:

– раванди такмили СК-и ДКТ ҳамчун яке аз соҳаҳои ояндадори таҳқиқоти илмӣ дар педагогика, ки дорои ҷанбаи байнисоҳавӣ мебошад, таҳия ва аз ҷиҳати илмӣ асоснок карда шуданд;

–мақсади баргузор намудани конференсҳои илмӣ-амалӣ, семинарҳои илмӣ миёни донишҷӯён доир ба татбиқи амсилаҳои таҷрибавӣ-таҳлилӣ пешниҳод карда шуданд;

– амсилаи консептуалии такмили СК-и донишҷӯёни МТМТ пешниҳод гардид, ки имкон медиҳад фазои таҳсилотиро барои рушди касбии мутахассисони ояндаи тиб мусоид созад коркард карда шуданд;

– истифодаи адабиёти илмӣ-методӣ аз ҷониби донишҷӯён ба мақсади пайдо намудани тасаввуроти кофӣ оид ба истифодаи амсилаҳои таҷрибавӣ - таҳлилӣ ва ғайра муайян карда шудаанд;

– шароити педагогии барои такмили бомуваффақияти салоҳиятҳои касбӣ зарурбуда ва дар амал батасвибрасида, муайян карда шудаанд .

– шаклҳои самарабахши кори омӯзгорон доир ба ғанисозии амсилаҳои таҷрибавӣ-таҳлилӣ дар тарбияи донишҷӯён, ки ба фаъолнокии онҳо мусоидат мекунанд,пешниҳод шуданд.

Ҳамзамон, дар раванди таҳқиқоти диссертатсионӣ ва озмоишӣ вазъи салоҳиятҳои касбии донишҷӯён дар марҳилаи муқарраркунандаи озмоиш, амсилаи ташаккули салоҳиятҳои касбии донишҷӯёни коллеҷҳои тиббӣ дар ҷараёни баргузории чорабиниҳои таълимӣ-тарбиявӣ ба таври бояду шоядбаррасӣ гардиданд, ки аз навгониҳои дигари таҳқиқоти диссертатсионӣдалел ҳастанд, масалан:

1) асосҳои назариявӣ-амалии моҳият ва сохтори салоҳиятҳои касбӣ таҳқиқу таҳлил ва коркард карда шуданд;

2) моҳияти ғояҳои инноватсионии такмилдиҳии раванди таълим ва баланд бардоштани касбияти омӯзгор асоснок карда шудаанд;

3) маҷмуи қисматҳои асосии аҳамияти илмӣ-педагогии равишҳои методологӣ ба таҳқиқи ташаккули салоҳиятҳои касбӣ амсилаҳои таҷрибавӣ-таҳлилии таълиму тарбия тибқи талаботи ғояҳои педагогикаи муосир коркард карда шудаанд;

4) амсилаи ташаккули салоҳиятҳои касбии донишҷӯёни коллеҷҳои тиббӣ дар ҷараёни баргузории чорабиниҳои таълимӣ-тарбиявӣ таҳия ва барои дастрасӣ ба устодони муассисаҳоии таълимӣ манзур шудааст;

Ҳамзамон нуктаҳои илмии аз тарафи муаллифи рисола ба ҳимоя пешниҳодшуда натиҷаҳои дар раванди таҳқиқот бадастомадаро барои баррасӣ муаррифӣ карда, дар мундариҷа ва муҳтавои мантиқии таҳқиқоти диссертатсионӣ дарҷ гардидааст:

– муайян намудани принсипҳои асосии методологӣ ва назариявии такмили СК-и донишҷӯёни коллеҷҳои тиббӣ;

– таҳия ва асоснок кардани принсипҳои консептуалии такмили СК дар ҷараёни тайёр кардани мутахассисони ояндаи соҳаи тиб;

– дар асоси озмоиш ошкор намудан ва асоснок намудани шароити педагогии зарурӣ барои баланд бардоштани самаранокии СК-и донишҷӯёни коллеҷҳои тиббӣ;

– баргузор намудани конференсҳои илмӣ-амалӣ, семинарҳои илмӣ миёни донишҷӯён доир ба татбиқи амсилаҳои таҷрибавӣ-таҳлилӣ;

– истифодаи адабиёти илмӣ-методӣ аз ҷониби донишҷӯён ба мақсади пайдо намудани тасаввуроти кофӣ оид ба истифодаи амсилаҳои таҷрибавӣ - таҳлилӣ ва ғайра;

– кори омӯзгорон ва шаклҳои самарабахши он доир ба ғанисозии амсилаҳои таҷрибавӣ-таҳлилӣ дар тарбияи донишҷӯён, ки ба фаъолнокии онҳо мусоидат мекунанд.

– дар асоси озмоиш муайян ва асоснок кардани амсилаи консептуалии такмили СК-и донишҷӯёни коллеҷҳои тиббӣ.

*Асосокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда:*

Бояд қайд намуд, ки муқаррароти назариявии таҳқиқот ба таври кофӣ асоснок шуда, тибқи таҳлилу арзёбии адабиёти илмӣ дар соҳаи методикаи таълим, педагогика ва психология, кори таҷрибавию озмоишӣ оид ба мавзуи таҳқиқот исбот шудаанд.

Ҷиҳати мубрами таҳқиқоти диссертатсионии мазкур дар он аст, ки довталаб Маҳмудзода Қ.Н. масъалаи ташаккули салоҳиятҳои касбии донишҷӯёни коллеҷҳои тиббӣ аз таҳқиқотҳои илмии муҳаққиқони хориҷӣ ва ҳам аз назари олимони варзидаи ватанӣ ҳаматарафа омӯхта, таҳлил ва коркард намуда, таҳқиқоти анҷомдодаи худро дар шакли хулосаҳо ва тавсияҳои методӣ омода ва пешниҳод карда, барои исботи андешаҳои худ аз осори илмии олимони маъруфи муосири тоҷику

хориҷи кишвар андешаву мулоҳизаҳои арзишмандро пешниҳод кардааст, ки эътимоднокиву дурустии навгониҳои илмӣ, натиҷаҳои таҳқиқот ва хулосаву тавсияҳои манзур намудаи муаллифи дисертатсияро дарҷ намудаанд.

Дар боби якуми диссертатсия масоили асосҳои назариявӣ-методологии ташаккули салоҳиятҳои касбии донишҷӯёни коллеҷҳои тиббӣ таҳқиқи барарсӣ шуда, моҳият ва сохтори салоҳиятҳои касбӣ, равишҳои методологӣ ба таҳқиқи ташаккули салоҳиятҳои касбиро бо дарназардошти талаботи таҳсилоти муосир дар заминаи омӯзиш ва таҳлили осори илмии ба мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ дахлдори олимону муҳаққиқони тоҷику хориҷи кишвар ҷанбаҳои назариявии аҳамияти илмӣ-педагогии вазъи салоҳиятҳои касбии донишҷӯён дар марҳилаи муқарраркунандаи озмоиш аз дидгоҳи илмӣ ва дар заминаи арзёбии андешаву мулоҳизоти олимону муҳаққиони ватаниву хориҷӣ ба таври муфассал шарҳутафсир намудааст. Маҳмудзода Қ.Н. оид ба масъалаҳои дар зеробҳо инъикосёфта андешаҳои шахсии худро аз назари интиқодӣ баён сохта, вобаста ба онҳо пешниҳодҳо ироа намудааст.

Дар боби дуюми диссертатсия санҷиши озмоишии ташаккули салоҳиятҳои касбии донишҷӯёни коллеҷҳои тиббӣ дар ҷараёни баргузории чорабиниҳои таълимӣ-тарбиявӣ таҳқику арзёбӣ шуда, дар ин раванд масъалаҳои муҳиме ба монанди  вазъи салоҳиятҳои касбии донишҷӯён дар марҳилаи муқарраркунандаи озмоиш, технологияи татбиқи амсилаи ташаккули салоҳиятҳои касбии донишҷӯёни коллеҷҳои тиббӣ дар ҷараёни баргузории чорабиниҳои таълимӣ-тарбиявӣ, инчунин нишондиҳандаҳои рушди салоҳиятҳои касбии донишҷӯёни коллеҷҳои тиббӣ дар рафти озмоиши гузаронидашуда, самаранокии онҳо мавриди озмоиш қарор дода шудааст. Бо истифода аз усулҳои эмпирикии мухталиф дар рафти корҳои озмоишӣ мақсад ва вазифаҳои таҳқиқоти озмоишӣ ҳалли худро ёфта,натичаи онҳо арзёбӣ гардидаанд.

Корҳои озмоишӣ ва натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ, ки дар шакли хулосаи бобҳо, хулосаҳои умумӣ ва тавсияҳои методӣ коркард ва пешниҳод шудаанд, аз он шаҳодат медиҳанд, ки аз ҷониби муаллифи

диссертатсия Маҳмудзода Қумринисо Нуралӣ таҳқиқоти воқеан бо арзиши баланди илмиву амалӣ мураттаб шудааст ва истифодаи натиҷаҳои таҳқиқот дар амалияи таълим бе шубҳа ба ташаккули салоҳиятҳои иттилоотию иртиботӣ ва маърифатию эҷодии донишҷӯён саҳм хоҳад гузошт.

Мавриди тазаккур аст, ки дастовардҳои таҳқиқот бо истифодаи мақсадноки методҳои ҳамдигарро мукаммалкунандаи таҳқиқотӣ, инчунин бо такя ба методологияи илмӣ, манбаъҳои гуногуни иттилоотӣ методӣ, педагогӣ, психологӣ, таҳлилу таърифи бисёрсатҳаи мафҳумҳои асосӣ, таҷрибаи шахсии худи муаллиф ҳамчун омӯзгори калони Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, ки ба ҳадаф, предмет, вазифа ва муҳтавои таҳқиқот мувофиқанд, амалӣ гардидаанд.

Раванди таҳқиқоти илмӣ дар семинарҳои илмӣ-методӣ ва илмӣ-амалии, Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, дар ҷаласаҳои кафедраи педагогика, психология ва методикаи таълими Донишкадаи технология ва менеҷменти инноватсионӣ дар шаҳри Кӯлоб, инчунин дар мизҳои мудавари ПРМ ба номи А.Ҷомии АТТ муҳокима ва мавриди озмоиш қарор дода шуданд.

Натиҷаҳои таҳқиқоти озмоишӣ мазмун ва мундариҷаи диссертатсия дар семинару конференсияҳо, мизҳои мудаввар, семинарҳои омӯзишиву курсҳои сайёр, ки солҳои 2020-2022 дар Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ Донишкадаи технология ва менеҷменти инноватсионӣ дар шаҳри Кӯлоб, семинарҳои омӯзишӣ дар шаҳру ноҳияҳои минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон гузаронида шудаанд, ироа, тасвиб ва тасдиқ гардидаанд.

*Аҳамияти илмӣ, амалӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо:*

Навгонии илмӣ ва натиҷаҳои таҳқиқот ҳамзамон арзиши илмӣ ва амалии таҳқиқот собит бар онанд, ки нуктаҳои мазкур манзур шудаанд:

- таҳқиқотҳои олимон оид ба моҳият ва сохтори салоҳиятҳои касбӣ ҳамаҷиҳата мавриди омӯзиш ва таҳлилу баррасӣ қарор дода шудаанд;

- проблема ва асосҳои назариявию амалии равишҳои методологӣ ба таҳқиқи ташаккули салоҳиятҳои касбӣ муайян ва коркард карда шудаанд;

- самаранокии Амсилаи пешниҳодшуда оид ба ташаккули салоҳиятҳои касбии донишҷӯёни коллеҷҳои тиббӣ дар ҷараёни баргузории чорабиниҳои таълимӣ-тарбиявӣ собит шудаанд;

- коркарди методии масоили вобаста ба вазъи салоҳиятҳои касбии донишҷӯён дар марҳилаи муқарраркунандаи озмоиш муайян карда шудаанд;

- амсилаи муассиру дар асоси озмоиш санҷидашуда пешниҳод карда шудааст, ки ба ташаккули салоҳиятҳои касбии донишҷӯёни коллеҷҳои тиббӣ дар ҷараёни баргузории чорабиниҳои таълимӣ-тарбиявӣ ва маҳорату малакаҳои онҳо мусоидат менамояд;

- натиҷаҳои амалии таҳқиқот ва истифодаи тавсияҳои методие, ки таҳия ва ироа шуданд, имконият медиҳанд, ки талаботи барномаи таълим ва мазмуни фаъолияти педагогӣ нисбати таълиму тарбияи донишҷӯён, таҷдиди назар шаванд;

- технологияи коркарду санҷидашуда ва роҳу усулҳои пешниҳодгардида метавонанд дар муҳити муосири маориф самаранок истифода шаванд;

- тавсияҳои методии таҳияшуда такмили раванди таълиму тарбияи муассисаҳои таълимии ҷумҳурӣ дар самти салоҳиятҳои касбии донишҷӯён таъмин хоҳанд кард;

- ҳангоми коркарди ҷанбаҳои методии баланд бардоштани самаранокии дарсҳо ва сифати омӯзиши донишҷӯён натиҷаҳои таҳқиқот истифода гардида, мавриди таваҷҷуҳи мутахассисони соҳаи педагогика, психология ва методикаи таълими фанҳои таълимӣ қарор гиранд;

- тавсияҳои методӣ метавонанд амалан дар раванди омодасозии омӯзгорони муассисаҳои таълимӣ ва олии касбии равияи омӯзгоридошта, дар курсҳои такмили ихтисос ҷиҳати такмили маҳорати касбии омӯзгорони макотиби олии кишвар ва таҳияи корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ истифода шаванд.

*Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ:*

Дастовардҳои ноилгардидаи рисолаи илмӣ дар конференсияҳои илмию амалӣ, мизҳои мудаввар ва семинарҳои илмӣ-методии Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А.Рӯдакӣ ва Донишкадаи технология ва менеҷменти инноватсионӣ дар шаҳри Кӯлоб дар минтақаҳои ҷумҳурӣ баргузоршуда ироа ва баррасӣ шуда, дар нашрияҳои илмии тақризшаванда дар шакли 9 мақолаҳои илмӣ ва дастурҳои методӣ, аз он ҷумла 5 номгӯй дар нашрияҳои илмии тақризшавандаи феҳристи тавсиянамудаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 4 номгӯй дар маҷмӯаи маводи конференсияҳоинтишор шудаанд, ки мазмун ва мундариҷаи диссертатсияро дар бар мегиранд.

*Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссия:*

Тартиби таҳияи диссертатсия ва автореферат ба талаботи Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисос, номзади илм ва доктори илм, авторефератҳо ва мақолаҳои илмии чопшуда мувофиқ буда, автореферати диссертатсия мазмуни мухтасари диссертатсияро ифода карда, тасаввуроти аникро доир ба моҳияти таҳқиқоти гузаронидашуда ва натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф медиҳад.

Натиҷаҳои бадастомада, эътимоднокӣ, хулосаву тавсияҳо тибқи талаботи Комиссия ва Дастурамал аз ҷиҳати илмию-методӣ асоснок карда шуда, ба миқдори кофӣ бо тавсияву пешниҳодҳои назариявӣ ва амалӣ, мисол ва ҷадвалҳо таъмин аст.

Диссертатсия тибқи муқаррароти Дастурамал фаҳмо, бо лаҳни равони тоҷикӣ, босаводона навишта шуда, тартиби таҳия, ҷобаҷогузории қисмҳои алоҳидаи он, робитаи мантиқӣ ва мутасилӣ ба пуррагӣ риоя карда шудааст. Доир ба ҳар як боб ва умуман ба рисола хулосаҳои возеҳ бароварда шудааст.

*Эрод ба таҳқиқоти диссертатсионӣ:*

Инчунин бояд таъкид сохт, ки дар радифи дастовардҳои мубрами илмиву амалӣ, ки дар болоироа гардиданд, диссертатсия ва автореферати он аз камбудиҳо низ холӣ нест, ки қайд намудани онҳо барои такмили минбаъдаи диссертатсия ба манфиати кор хоҳад буд:

1. Муаллиф дар диссертатсия оид ба аҳамияти илмӣ-педагогии амсилаҳои таҷрибавӣ-таҳлилии таълиму тарбия тибқи талаботи ғояҳои педагогикаи муосир ибрози ақида карда, бештар фаъолияти донишҷӯро шарҳу тавзеҳ додааст. Бисёр хуб мешуд, дар баробари ин, роҷеъ ба шаклҳои ҳамкориҳои омӯзгор-донишҷӯ дигар маълумоти бештар медод ва фарқияту вижагиҳои ҳар яке аз онҳоро шарҳ медод, ки аз анҷоми ин амал муҳтавои диссертатсия мукаммалтар мешуд.

2. Дар боби дуюми диссертатсия оид ба санҷиши озмоишии ташаккули салоҳиятҳои касбии донишҷӯёни коллеҷҳои тиббӣ дар ҷараёни баргузории чорабиниҳои таълимӣ-тарбиявӣ муфассал шарҳ дода шудаанд. Вале дар ин қисмат дар баробари мафҳумҳои зикршуда, баъзан дар бораи таҳлили таърихӣ ва назариявии амсилаҳои таълимӣ сухан рафтааст, ки шарҳу тафсирро тақозо доранд. Агар муаллиф ин мафҳумҳоро низ шарҳ медод, дарки маънои ҳамин қисмати диссертатсия барои хонанада дастрас гардида, ба ҳамин воситита ба маънои ин мафҳумҳо шинос мешуд ва аз ин арзиши илмиву амалиидиссертатсия зиёдтар мегардид.

3. Дар матни диссертатсия баъзе ғалатҳои техникиву имлоӣ роҳ ёфтаанд, ки таҳриру ислоҳ мехоҳанд.

Қайд кардан ба маврид аст, ки ин камбудиҳо ба шубҳа арзиши илмиву амалии диссертасияро кам намекунанд.

## ХУЛОСАИ ҶАМЪБАСТӢ

1. Диссертатсияи Маҳмудзода Қумринисо Нуралӣ кори ба итмомрасидаи илмӣ-таҳқиқотӣ буда, аз ҷониби муаллиф мустақилона дар сатҳи нисбатан хуби илмӣ иҷро карда шудааст.

2. Муаллифи дисертатсия ба мақсади дар назди таҳқиқоти илмӣ гузошташуда ноил шуда, вазифаҳои илмии таҳқиқотро ҳаллу фасл кардааст ва фарзияи таҳқиқот тасдиқи худро ёфтааст.

3. Дисертатсияи Маҳмудзода Қумринисо Нуралӣ дар мавзуи «Шароитҳои педагогии ташакули салоҳиятҳои касбии донишҷӯёни колеҷи тиббӣ Дар ҷараёни баргузории чорабиниҳои таълимӣ – тарбиявӣ», ки барои ҳимоя ва дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот пешниҳод шудааст, ба талаботи Низомнома оид ба Шӯрои диссертатсионӣ ва Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудаанд, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи имлмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот мебошад.

Муқарризи расмӣ, номзади
илмҳои педагогӣ, декани
факултети тарбияи ҷисмонии
Донишкадаи тарбияи ҷисмонии
Тоҷикистон ба номи С. Раҳимов Файзуллозода Ҳ. Ф.


**Маълумот барои тамос:**

Шаҳри Душанбе, кучаи Лучоб, 53; тел. +992 987942020; почтаи электронӣ: Faizullozoda.husein@mail.ru


07.04.2023

*Имзои Файзуллозода Ҳусейн Файзуллоро тасдиқ мекунам.*

Сардори шуъбаи кадрҳои
ДТҶТ ба номи С. Раҳимов ____________________ Деҳқонова З. Б.